NATO
OTAN

МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ?
сомонаи моро бинед:
www.nato.int

# Оид ба НАТО омӯзед



## Муҳофизати одамон

Барои мо имконияти озодона дар муҳити бехатар ва аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор зистан як амри табиӣ аст. Амният дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҳамарӯза калиди некӯаҳволии мо аст.

## Ташкили ҳамкориҳо

Ташкил намудани мубодилаи афкор ва ҳамкорӣ барои робитаҳои сулҳҷӯёна ва ҳамдигарфаҳмии амиқтари байни халқҳо аҳамияти муҳим дорад.

НАТО имконияти беҳамторо бахри давлатҳои аъзо ва ҳаммаслак барои машварат дар масъалаи амният, ки ба бунёди боварӣ ба якдигар мусоидат мекунад, инчунин, бахри кӯмаки оянда дар пешгирии ихтилофҳо фароҳам меоварад.

Тавассути ҳамкории амалӣ ва ибтикори бисёрҷониба давлатҳо талаботи нави бехатариро дар ҳамбастагӣ пешвоз мегиранд.

## Мубориза бар зидди хатарҳои нав

Азбаски табиати хатарҳо дигаргун мешавад, роҳҳои муҳофизати сулҳ низ бояд тағйир ёбанд. НАТО имкониятҳои мудофиавии худро барои муқобилият ба хатарҳои нав мувофиқ месозад. Мутобиқ намудани қувваҳои мусаллаҳ ва ривоҷи усулҳои ҳамкории байналхалқӣ дар кори муомила бо терроризм, бо давлатҳое, ки вазъият дар онҳо барои кишварҳои дигар хатар меофарад ва бо хавфҳои дигар, аз қабили силоҳи қатли ом, аз ҷумлаи чунин иқдомотанд.

## Бунёди сулҳ ва пойдори

Аз манфиатҳои вазъияти пойдор ҳамзамон метавонанд ҷонибҳои гуногун баҳравар гарданд. Пойдор намудани вазъият дар минтақаҳое, ки ҳолати тезутунд дар он ҷо ба бехатарӣ таҳдид менамояд, аҳамияти муҳим дорад. Ин аст, ки НАТО дар амалиёти рафъи бӯҳронҳо дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқии дигар фаъолона иштирок менамояд.

## Давлатҳои аъзо ва ҳаммаслак

Шартномаи Атлантикаи Шимоли 4 апрели соли 1949 имзо шудааст

### ДАВЛАТҲОИ АЪЗО (+САНАИ ДОХИЛШАВИ)

Албания /2009
Белгия /1949
Булғористон /2004
Канада /1949
Хорватия /2009
Ҷумҳурии Чехия /1999
Дания /1949
Эстония /2004
Фаронса /1949
Олмон /1955
Юнон /1952
Маҷористон /1999
Исландия /1949
Итолиё /1949
Латвия /2004
Литва /2004
Люксембург /1949
Нидерланд /1949
Норвегия /1949
Лаҳистон /1999
Португалия /1949
Руминия /2004
Словакия /2004
Словения /2004
Испониё /1982
Туркия /1952
Подшоҳии Муттаҳида /1949
Иёлоти Муттаҳидаи Амрико /1949

### КИШВАРҲОИ АЪЗОИ ШАРИКӢ БАҲРИ СУЛҲ (ШБС)

Арманистон
Австрия
Озарбойҷон
Беларус
Босния ва Ҳерсеговина
Финланд
Гурҷистон
Ирландия
Қазоқистон
Қирғизистон
Малта
Молдова
Монтенегро
Русия
Сербия
Шветсия
Швейтсария
Тоҷикистон
собиқ Ҷумҳурии Югославии Мақдуния*
Туркманистон
Украйина
Ӯзбакистон

### ИШТИРОКЧИЁНИ МУЗОКИРАИ БАҲРИ МИЁНАЗАМИН

Алҷазоир
Миср
Изроил
Иордания
Мавритания
Марокаш
Тунис

### КИШВАРҲОИ ТАШАББУСИ ИСТАМБУЛ ОИД БА ҲАМКОРӢ

Баҳрайн
Кувайт
Қатар
Аморати Муттаҳидаи Араб

*Туркия Ҷумҳурии Македонияро таҳти номи конститутсиоинаш эътироф мекунад.



# НАТО чист?

Созмони Шартномаи Атлантикаи Шимолӣ яке аз муассисаҳои муҳими байналмиллалии олам мебошад. Ин созмон эътилофи сиёсӣ ва ҳарбиест, ки 28 давлати аъзоро аз Аврупо ва Амрикои шимолӣ муттаҳид намудааст.

Ин давлатҳо барои машварат ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои бехатарӣ ва мудофиа вохӯриҳо баргузор менамоянд. Аз ин лиҳоз НАТО барои ду қитъа робитаи нодиреро баҳри ҳамкорӣ дар ҷодаи сиёсат ва амният таъмин менамоянд.

## НАТО чӣ кор мекунад?



НАТО муҳофизати аъзои худро тавассути иқдомоти сиёсӣ ва ҳарбӣ ба ӯҳда мегирад. Созмон, инчунин, машварат ва ҳамкориро бо давлатҳои аз НАТО берун дар паҳнои арсаҳои ба бехатарӣ алоқаманд, аз қабили ислоҳоти низомӣ ва нигаҳдории сулҳ дастгирӣ менамояд.

Тавассути муҳокимаи масъалаҳо ва ҳамкориҳо НАТО ба пешгирии низоъҳо дар дохили марзи давлатҳои аъзо ва берун аз он мусоидат менамояд.

Созмон сарватҳои демократиро пахн намуда, дар ҳалли осоиштаи баҳсҳо кӯмак мерасонад. Агар кӯшишҳои дипломатӣ бебарор анҷоманд, он дорои имкониятҳои ҳарбие аст, ки барои шурӯъ намудани амалиёт бо мақсади рафъи бӯҳрон ва нигаҳдории сулҳ чӣ мустақилона ва чӣ дар ҳамкорӣ бо давлатҳо ва созмонҳои байналхалқии дигар зарур мебошанд.

Самти сеюми кори НАТО аз фаъолият дар соҳаи банақшагирии фалокатҳо, кӯмак ба давлатҳои аъзои эътилоф ва давлатҳои ҳаммаслак дар мубориза зидди офатҳо, ҳамчунин, ривоҷи ҳамкорӣ дар арсаи илм ва ҳифзи муҳити атроф иборат аст.

## НАТО чӣ гуна фаъолият мекунад?

Ҳар як давлати аъзо дар қароргоҳи асосии НАТО дар Брюссел ҳайати ваколати доимӣ дорад. Сарвари он сафир аст, ки намояндаи ҳукумати худ дар машваратҳои эътилоф ва дар ҷараёни коркарди қарорҳо мебошад.

Шӯрои Атлантикаи Шимолӣ дар дохили созмон қисмати муҳимтаринест, ки қарорҳои сиёсӣ қабул менамояд. Шӯро дар сатҳҳои гуногун вохӯриҳо баргузор менамояд. Раисии онро Котиби кулли НАТО ба ӯҳда дорад, ки ба давлатҳои аъзо дар кори созиш кардан дар масъалаҳои муҳим ёрӣ мерасонад.

Ҳамаи қарорҳо дар доираи ҳар як кумитаи НАТО дар натиҷаи муросо қабул мегарданд. Аз ин рӯ, «қарори НАТО» ифодаи фикри умумии тамоми давлатҳои аъзо мебошанд.

Қӯшунҳои доимии хусусии НАТО хеле камшуморанд. Вақте ки Шӯрои Атлантикаи Шимолӣ ба гузаронидани амалиёт розигӣ медиҳад, давлатҳои аъзо дар заминаи ихтиёрӣ барои ташаккули қувваҳои мусаллаҳи умумӣ қӯшун равона мекунанд. Ин қӯшунҳо дарҳол пас аз иҷрои вазифа ба давлатҳои худ бармегарданд.

Танзим ва роҳбарии ин гуна амалиёт вазифаи сохтори фармондеҳии ҳарбӣ аст. Ин сохтор аз қароргоҳи асосӣ ва пойгоҳҳои воқеъ дар давлатҳои гуногуни аъзо иборат аст.



Фаъолияти ҳаррӯзаи НАТО, сохторҳои низомӣ ва осоиштаи он, барномаҳои маблағгузорӣ намудани чораҳои таъмини амният аз буҷаи умумӣ бо маблағ таъмин мешаванд. Ба буҷаи умумӣ ҳукуматҳои аъзо мувофиқи формулаи қабулшудаи тақсимоти ҳисса саҳм ворид менамоянд.

© NATO 2010 - TAJ